## СУРАТМАҶЛИСИ № 30

**02-юми июли соли 2026** **ш.Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, № 407/шд тасдиқ гардидааст, 8 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравранд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло "Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Искандаров З.Ҳ., аъзои комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, узви Шурои диссертатсионӣ Раҳмадҷонзода Р.Р. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи экспертизаи судӣ-баллистикии Раёсати ташхиси (экспертӣ) криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Назаршо Ф.Ю. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло "Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судии» Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Узбекистон;

**Самиев Назар Мурадович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии “Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон” таъин карда шавад.

4. Рӯйхати аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда маҳсуб меёбанд, тасдиқ карда шаванд:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Павличенко Н.В.
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров З.Ҳ.
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳимзода Р.Ҳ.
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 24 сентябри соли 2026, соати 14:00 таъин карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Сафарзода Ҳ.С.**